**Паёми мавлудии**
**Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ**
**ба кашишҳои олимартаба, кашишҳо, диаконҳо, роҳибон**
**ва тамоми фарзандони боимони Калисои Православии Рус**

**Дилдодагони Худованд кашишҳои олимартаба,**
**кашишҳо ва диаконҳои порсо, роҳибон ва роҳибаҳои маъсум,**
**бародарон ва хоҳарони арҷманд!**

Сидқан якояки шуморо бо иди бузург ва наҷотбахши олам – Мавлуди Худованди мо Исои Масеҳ табрик менамоям.

Ҳоло, мисли чупонони ду ҳазор сол пеши байтуллаҳмӣ, мо бо хушнудӣ ва риққат садои мутантани фариштаворро гӯш мекунем: «*Худоро ҷалол дар арши аъло, ва осоиштагӣ бар замин, ва ҳусни таваҷҷӯҳ дар миёни мардум бод»* (Луқ. 2, 14). Ин суханони аҷибро шунида, дили мо тасалло меёбад ва саршори шукронаи Офаридгор мегардад. Худи Худованди Дорандаи ҳамагон, *Худои ҷаббор ва Падари ҷовид* (Иш. 9, 6) ба сӯйи мо фуруд меояд ва чун инсони одие ба дунё меояд. Кароматии шоҳи забурхон амалӣ мегардад, ки дар бораи Рӯҳулқудс паём расонид: *эҳсон ва ростӣ мулоқот хоҳанд кард, адолат ва осоиштагӣ ҳамдигарро хоҳанд бӯсид; ростӣ аз замин хоҳад сабзид ва адолат аз осмон ба зуҳур хоҳад омад* (Заб. 84, 11–12). Ана, акнун рух дод: *Кӯдаке барои мо таваллуд ёфт – Писаре ба мо дода шуд* (Иш. 9, 6), *то ҳар ки ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад* (Юҳ. 3, 16).

Дар тӯли таърих башарият ташнаи робитаи гумшуда бо Офаридгори худ буду бо ҷидду ҷаҳд Худоро меҷуст. Ва дар посух ба ин талошҳо, дар посух ба дилҳо ва дастони ба само нигаронидашуда, Худованд муҳаббати Худро ба бани башар зоҳир намуд ва Худ бароямон дасти начотбахши Худро дароз кард. Дар Исои Масеҳ пас аз ҳазорсолаҳои тӯлонӣ, билохира, Худованд ва инсон пайванд ёфт ва вуҷуди самовотию заминӣ ба ҳам бипайваст ва орзуҳои маънавии писарону духтарони Одам амалӣ шуданд.

Дар рӯйдоди Мавлуди Масеҳ бароямон ҳамзамон ҳам Асрор, ва ҳам Ваҳй зоҳир шуд, зеро хиради инсонӣ ба дарки комили он қодир нест, ки чӣ гуна Худованди Офаридгор ва Парастори олам ва аз рӯйи табиати Худ Беҳудуд ба олами пургуноҳи мо фуруд меояд ва Худро ба сурати Тифли маъсуме зоҳир мекунад, ки дар ғоре Таваллуд шудааст, ки чупонону чорво аз обу ҳавои бад паноҳ меҷустанд. Шуҳрате, ки аз тарафи неруҳои самовотӣ авҷ дода, аз тарафи ҳакимони одии шарқӣ таблиғ мешуд, бо овози баланд дар тамоми гӯшаю канорҳои замин танинандоз гардид. Ҳамаи ин бароямон умқи ҳикмати даркнашавандаи Худовандиро мекушояд, моро ба матлаби ниҳонии Сегона дар бораи наҷоти инсон шарик мегардонад.

Акнун мо медонем: *Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари Ягонаи Худро дод, то ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад* (Юҳ. 3, 16–17). Ва акнун, *мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем, ки ба воситаи Ӯ мо бо имон сӯйи файзе роҳ ёфтаем, ки дар он истодаем ва бо умеди ҷалоли Худо меболем, … чунки муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба*

*воситаи Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст* (Рум. 5, 1–2; 5).

Бо эҳтиром сар фуруд меорем ба охурҳои хурдакак, ки дар онҳо Тифли орому ҳалим хобидааст. Сар фуруд меорем бо ҳароси Худовандиву бим, зеро аз инҷо роҳи заминии салибии Худованд Исо оғоз меёбад, дар инҷо оғози наҷоти мо ниҳода шудааст. Сар фуруд меорем ва, Писари зодашудаи Падари Абадиро ситоиш карда, аз он оромиши ғайри қобили сухан ва фаротар аз ҳама гуна пиндор лаззат мебарем, ки равони моро саршор мегардонад.

*«Шараф ба арш бар Худованд, ва осоиш дар рӯйи замин, дар инсонҳо илтифот!»* – мо тоза ба тоза бо камоли хушнудӣ ба хори малакутӣ ҳамовоз мешавем. Муҳаббати Худованд, ки дар Таваллуди Наҷотбахш зуҳур ёфтааст, ба инсонҳо оромиши воқеӣ меоварад. Ин оромишро парешониҳои зиндагӣ, изтиробҳои иҷтимоӣ, нобасомониҳои сиёсӣ ва ҳатто мунокишаҳои мусаллаҳона наметавонанд заиф созанд, зеро *дар оромиши Масеҳӣ чунин неруи маънавие ба таври ниҳонӣ мезияд, ки он ба воситаи вай ҳама гуна андӯҳу мусибати заминиро поймол мекунад* (ҳазрати Игнатий (Брянчанинов). Таҷрибаҳои зоҳидона).

Вале чӣ гуна таркиби осоиштаи рӯҳро ба даст овард? Чӣ гуна метавон соҳиби ин маҳорати бузурги рӯҳӣ гардид? Падарони қудсӣ дар ин амр ҳамфикранд: таъсири оромиши Масеҳ бар инсон аломати муҳими будани ӯ дар аҳкоми инҷилӣ аст. Аз миёни онҳо *ба зимми ҳамаи ин* – васият мекунад ҳазрати Павлус – *шумо муҳаббатро дар бар кунед, ки он маҷмӯи камолот аст. Ва онгоҳ*, ба гуфтаи ҳаворӣ, *дар дилҳои мо осоиштагии Худо ҳукмфармо мегардад, ки ба он даъват шудаем* (Қӯл. 3, 14–15).

Лутфи Худованд инсонҳоро барои Худ меҷӯяд – касонеро, ки ба қонуни Ӯ пайравӣ мекунанд, касонеро, ки ба шахсони наздику дур дар бораи наҷот гувоҳӣ медиҳанд ва *то аз камолоти Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед* (1 Пет. 2, 9).

Ба ин мартабаи баланд сазовор бошем. Ва барои ин, *Мавлуди шарифи Масеҳро, ки дар ғор сурат гирифтааст, дида, аз ташвишҳои олам дар канор равем* (кондаки 8 мадҳияи калисоӣ ба Мавлуди Масеҳ), фикран ба само боло равем, Офаридгорро ҳарчи мадҳу сано гӯем, хушнудии худамонро аз Наҷотбахши Таҷассумёфта ба атрофиён, ба онҳое расонем, ки муҳтоҷи ғамхорианд, ба касоне, ки маъюс гаштаанд ё дар ҳолати тангӣ қарор доранд.

Худованд бигзор ҳамаи моро дар роҳи мушкилгузари ҳаёти масеҳӣ илҳом бахшад, то дар оянда ҳам дар вуҷудамон имон мустаҳкам гардад, умед тамом нашавад ва муҳаббат афзун гардад; то вориди тантанаи иди саиди мавлудӣ гашта, мо устуворона ба олам *бузургии сирри диндориро* (1 Тим. 3, 16) танин андозем, ба одамон тасалло ва осоиштагии фархундаи Масеҳро расонем. Омин.

**ПАТРИАРХИ МАСКАВ ВА ТАМОМИ РУС**

*Мавлуди Масеҳ*
*с. 2018/2019*
*Маскав*